**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар мавзуи «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад ба пажуҳиши масъалаҳои таҳқиқи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ бахшида шудааст, ки фарогири зиндагинома, мероси адабии адиб, осори манзуму мансур, анвои шеъри шоир ва мавқеи ғазал дар эҷодиёти эшон, ҳамчунин сайри таҳаввули ғазал то замони Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, сохт ва таркиби ғазалиёти шоир, мавзуву мундариҷаиғазалиёти адиб, дар баробари ин забон ва тарзи баён, вазн, қофия ва радиф, хусусиёти бадеии ашъори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ба таври густарда таҳқиқ ва баррасӣ гардидаанд.

Дар диссертатсияи Рустоӣ М.М. бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик дар асоси таҳлили маводи муътамади мавҷуда масъалаҳои таҳлили ашъори шоир аз назарҳои мухталифи иҷтимоӣ, ҳунариву фарҳангӣ, таҳқиқи сабки шеърии шоир аз дидгоҳи сабкшиносӣ, таъсирпазирии шоир аз ҷомеае, ки дар он зистааст, ғазал ва нақши он дар ашъори шоир, истифодаи санъатҳои бадеӣ, забон ва тарзи баён, вазн, қофия ва радиф дар ғазалиёт ва анвоъоҳои дигари шеърии Каёнӣ, ки то ба ҳол чунин коре аз тарафи ягон муҳаққиқ пажуҳиш наёфтааст. Ин ва дигар масъалаҳои ба таҳқиқ фаро гирифта шуда ба таври мушаххас матраҳ гардидаанд, ки аз бозёфтҳои муҳимми диссертатсия ба шумор меравад.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои илмию пажуҳишии диссертантро метавон ҳангоми навиштани таърихи адабиёти муосири тоҷикӣ, форсӣ

ва дарӣ алалхусус адабиёти асри XX, нақши Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар инкишофу таҳаввули адабиёти ин давра истифода кард, ки барои донишҷӯёну аспирантон, омӯзгорони ҷавон аз манфиат холӣ нест.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва сохтори ягонаи дохилӣ мебошад. Хулоса ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои диссертант дар 6 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Муҳокимаю баррасӣ ва хулосабарориҳои довталаб дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки

диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар мавзуи **«Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ»** кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Рустоӣ Мирзо Муҳаммад дар мавзуи **«Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.04 –Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Қаландариён Ҳоким Сафарбек** – доктори илмҳои филологӣ, Директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Шарипов Шариф Раҳмонович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария
ва адабиёти навини форсии
тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сироҷиддини Эмомалӣ

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Қурбонзода
Рухшона Қурбон

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Рустамова
Гуландом Рустамовна

«03» 06 соли 2024